**Тақризи**

**муқарризи холис ба рисолаи Сафарзода Ғазалшоҳ Ғулом «Рушди маорифи вилояти Хатлон дар охири асри XX - ибтидои XXI (дар заминаи маводи минтақаи Кӯлоб)**

Зарурати аз ҷиҳати илмӣ арзёбӣ кардани таҷрибаи таърихии таҳияи чораҳо дар самти модернизатсияи мактабу маориф, ки дар маҷмӯъ ба рушди босуботи иҷтимоию иқтисодии ин минтақа мунҷар гардиданд, возеҳ аст. Чунки барои шароити муосири Ҷумҳурии Тоҷикистон омӯзиши рушди низоми таҳсилот дар даврони истиқлолият, ошноӣ пайдо кардан ба мушкилоти мубрами соҳа, ҷамъбаст ва хулоса кардани таҷрибаи таърихии андӯхташудаи рушди маориф, ошкорнамоии тамоюлҳои асосии такмили мактабу маориф дар давраи эҳё ва барқарории давлатдории миллӣ, арафаи марҳилаи воридшавӣ ба рушди устувори иқтисодӣ аҳамияти рӯзафзуни илмӣ касб мекунад

Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия бо мақсад ва вазифаҳои тадқиқот муайян гардида, барои сохти композитсионии кор принсипи хронологӣ истифода шудааст. Диссертатсия аз муқаддима, ду боб, шаш зерфасл, хулоса ва пешниҳодот, рӯйхати манобеъ ва адабиёти истифодашуда, замимаҳо иборат мебошад. Диссертатсия дар 193 саҳифаи матни компютерӣ чоп гардида, дорои 1 расм ва 6 замима мебошад.

Навгониҳои илмии таҳқиқоти мазкур дар он зоҳир мегардад, ки бори нахуст ба таври ҷомеъ рушди мактабу маорифи минтақаи Кӯлоби Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи таҳаввулоти куллии ҷомеаи кишвар мавриди баррасию таҳлил қарор дода шудааст. Рисолаи Сафарзода Ғ. Сухани нав дар таърихнигории муосири Тоҷикистон буда, дар он масъалаҳои таъсири ногувори даргириҳои сиёсии солҳои 90-ум ва таъсири он ба мактабу маорифи минтақа муайян карда шуда, хусусиятҳои умумӣ ва хоси рушди низоми мактабу маорифи минтақа мушаххас гардидаанд, рӯйдодҳо ва ҳаводиси таърихие, ки аз ягон мавқеъ бо рушди мактабу

маорифи минтақаи Кӯлоб алоқамандданд, аз дидгоҳи интиқодӣ ва объективӣ арзёбӣ гардида, таъминоти кадрӣ, заминаҳои моддӣ-техникӣ ва маблағгузории муассисаҳои таълимии минтақа дар солҳои ислоҳоти низоми маориф таҳлил карда шудаанд. Тадкиқоти мазкур фазои холии ҷойдоштаро дар тадқиқи илмии таърихи рушди мактабу маорифи минтақаи Кӯлоб дар ибтидои солҳои 90-уми асри XX ва замони истиқлолият пурра мегардонад.

Дар рисола раванди мукаммали ислоҳоти низоми таҳсилоти умумӣ ҳаматарафа баён гардида, таҳлили назариявии самтҳои асосии сиёсати давлатии соҳа ва татбиқи амалии он дар минтақаи Кӯлоби Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ибтидои солҳои 90-уми асри гузашта то имрӯзи даврони соҳибистиқлолии Тоҷикистон анҷом дода шудаанд.

Диссертатсия бо хулосаи ниҳоят васеъ ҷамъбаст шудааст. Муаллифи он хулосаҳои хешро бар 24 банд ва пешниҳоди хешро дар 5 банд ифода намудааст, ки хеле диққатҷалбкунанда ва илмӣ мебошанд.

Муаллиф вобаста ба натиҷаҳои таҳқиқоти марбути кори диссертатсионӣ 11 мақолаи илмӣ дар нашрияҳои гуногун, аз он ҷумла 5 мақола дар нашриёти аз ҷониби КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тақризшаванда нашр намудааст.

Мо ба он ақидаем, ки кори диссертасионии мавриди муҳокима қарордошта ҷавобгӯи талаботи КОА-и назди Президенти Тоҷикистон буда, онро барои дифои кушод тавсия додан мумкин аст.

**Номзади илмҳои таърих** **Ганҷакова М.Г.**

28.09.22.

ИНСТИТУТИ ТАЪРИХ, БОСТОНШИНОСӢ ВА МАРДУМШИНОСИИ АКАДЕМИЯИ МИЛЛИИ ИЛМҲОИ ТОҶИКИСТОН
ШУЪБАИ КАДРҲО